**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҷинояткорӣ ин зуҳуроти таърихан тағйирёбанда, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ буда, маҷмуи ҷиноятҳои дар ҳудуд ва вақти муайян содиршударо фаро мегирад.

Бояд қайд кард, ки ҷинояткорӣ бо пайдо шудани моликияти хусусӣ, ба табақаҳо тақсим шудани аҳолӣ ва ба миён омадани зиддият дар ҷомеа пайдо шудааст. Ҷинояткорӣ таҳти таъсири низоми мураккаби робитаҳои сабабию оқибатӣ ташаккул меёбад ва бо ҷанбаҳои калидии ҳаёти ҷомеа ҳамбастагии зич дорад. Динамика ва сохтори он вазъи иқтисод, равандҳои сиёсӣ, таълимоти идеологӣ, шуури оммавӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва дигар унсурҳои низоми иҷтимоиро инъикос менамоянд.

Аз ҷумла, сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои молу мулкӣ, бо тағйирот дар соҳаи муносибатҳои хусусӣ мутобиқати устувор нишон медиҳад. Ҳамин тавр, ҷинояткорӣ на танҳо натиҷаи девиатсияи инфиродӣ, балки нишондиҳандаи вайроншавии низомии ҷомеа мебошад. Кам кардани он муносибати мураккабро талаб мекунад, ки ба ҳамоҳангсозии равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, инчунин ба таҳкими меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар ҷомеа равона шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муқовимат бо ҷинояткорӣ, пешгирии он ва тарбияи дурусти ҷавонон ва наврасон ҳамеша яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид доштанд: «Дар руҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ,

ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад».

Дар ин замина дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон якчанд барномаву стратегияҳои давлатӣ доир ба муқовимат бо ҷинояткорӣ ва намудҳои паҳнгардидаи он қабул ва амалӣ мегарданд.

Тавре маълум аст, ҷинояткорӣ дорои омилҳои субъективӣ буда, вобаста ба синну соли шахс муайян карда мешавад. Таҳқиқоти криминологӣ ва психологии гузаронидашуда нишон медиҳад, ки таҳлили амиқи синну соли шахси ҷиноятсодирнамуда дар шароити тағйирёбии воқеияти муосир усули самарабахш дар пешгирии ҷинояткорӣ мебошад. Чунин таҳлил на танҳо барои муайян кардани шаклҳои гуногуни зуҳуроти ҷиноят ва вобастагии онҳо ба хусусиятҳои синну солии ҷинояткорон кӯмак мерасонад, балки ба такмили чораҳои пешгирикунанда низ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, чунин мешуморем, ки тадбирҳои пешгирии ҷинояткорӣ бояд ҳатман бо дарназардошти синну соли шахси ҷиноятсодиркарда таҳия ва ба амал бароварда шаванд.

Дар шароити муосир масъалаи мазкур аҳаммияти хоси худро пайдо мекунад, зеро он дар заминаи рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ баррасӣ мешавад. Густариши нуфузи технологияҳо, тағйири форматҳои ҳамкории иҷтимоӣ ва тағйироти марбут ба он дар намунаҳои рафтори шахсият таҳлили байнисоҳавиро талаб мекунад. Омӯхтани амиқи ин равандҳо имкон медиҳад на танҳо хатарҳои киберҷамъиятӣ (бетавозунии махфият, вобастагиҳои рақамӣ, идоракунии шуур) пешбинӣ карда шаванд, балки инчунин заминаи меъёрии ҳуқуқии мутобиқшаванда ташаккул дода шавад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Ироҳимзода Муборак Иброҳим воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Иброҳимзода Муборак Иброҳим соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси мутахассис, мутахассиси пешбар ва сармутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият менамояд. Ҳамзамон, ӯ аз 17 январи соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва аз 19 сентябри соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ қабул карда шудааст.

Кори диссертатсионии Иброҳимзода Муборак Иброҳим аз муқаддима, 3 боб 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои **«Асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои криминологии синну соли ҷинояткор дар илми криминология»** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои синну сол ҳамчун унсури калидии тавсифи шахсияти ҷинояткор равона шудааст. Қисмати кор, ки аз ду зербоб иборат мебошад, масъалаҳои калидии зерин баррасӣ мегарданд: проблемаҳои мафҳуми синну соли ҷинояткор дар илми криминология ва хусусиятҳои иҷтимоӣ – демографии синну соли шахсияти ҷинояткор. Дар доираи боби мазкур мушкилоти методологии муайян кардани ҳудудҳои синну соли қобилияти ҷиноятӣ бо таҳқиқи амиқ баррасӣ мешаванд, ки ҷанбаҳои баҳсбарангези синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ ва гуногуншаклии меъёрҳои синну солӣ дар низомҳои ҳуқуқии гуногунро низ дар бар мегиранд.

Дар боби дуюм масъалаҳои **«Хусусиятҳои криминологии фаъолнокии шахсияти ҷинояткор вобаста ба синну сол»**, аз ҷумла шахсияти ҷинояткори ноболиғ, ҷавон, баркамол ва пиронсол мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Дар доираи боби мазкур, ки аз ду

зербоб иборат мебошад ақидаҳо оид ба нақши калидӣ доштани синну сол дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таҳлили криминологӣ, аҳамияти таҳлили дақиқи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ -демографӣ (синну сол, сатҳи таҳсилот, вазъи оилавӣ) ва хусусиятҳои ҳуқуқӣ ҷиноятӣ (доштани доғи судӣ, ангезаҳо, усулҳои содир кардани ҷиноятҳо) шахсияти ҷинояткор дар пешгирии ҷинояткорӣ, қайд карда мешаванд.

Дар боби сеюм **«Хусусиятҳои пешгирии криминологии ҷиноятҳо бо дарназардошти синну соли шахси ҷиноятсодирнамуда»** масъалаҳои таҳлили мукаммали усулҳои криминологӣ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ, ки ҳам аз ҷониби ноболиғон ва ҳам калонсолон содир мешаванд, аз ҷиҳати илмӣ баррасӣ карда шудааст. Ба таҳияи стратегияҳои дифференсиалии пешгирӣ, ки хусусиятҳои синну солӣ, иҷтимоӣ ва равонии ин гурӯҳҳои ҷинояткориро ба инобат мегиранд, таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Махсусан, дар доираи боби мазкур, ки аз ду зербоб иборат мебошад, роҳҳои пешгирии криминологии ҷиноятҳои аз тарафи ноболиғон ва шахсони калонсол содиршуда, мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Баррасӣ масъалаҳое, ки дар зербобҳои мазкур баррасӣ гардидаанд, ба муаллиф имкон дод, ки чораҳои маҷмуии пешгирии ҷинояткориро дар байни ҷавонон ва шахсони калонсол пешниҳод карда шавад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи
криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Назаров А.Қ.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 905886363

Имзои Назаров А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«25» мойи 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj